**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

Вижагиҳои низоми давлатдории ниёгон, хусусан этикаи аҳди Сосониён масъалаи калидии таҳқиқоти мазкур маҳсуб меёбад ва мубрам будани пажӯҳиши мавзуъро муаллиф дар се нукта асоснок кардааст, ки андешаҳои боэътимоданд: аввалан, аз он ҷиҳат, ки этикаи аҳди Сосониён дар пояи се рукни ахлоқии оини маздопарастӣ, дини зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек маншаъ гирифта, принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолӣ асоси давлатдориро ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, истифода ва татбиқи усулҳо ва принсипҳои низоми идоракунии давлатдории Сосониён барои ҷомеаи муосир, аз ҷумла давлатории миллии тоҷикон дар мавриди расидан ба арзу доди шаҳрвандон, одилона ва оқилона ҳаллу фасл намудани низоъу бархурдҳо, роҳ надодан ба тафриқаандозии маҳаллӣ, минтақавӣ, миллию нажодӣ ва ғайра аҳамияти худро дорад.

Дуюм, андешаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва давлатдории аҳди Сосониён, ки дар заминаи китоби "Авесто" ташаккул ёфта, дар навъҳои гуногуни мероси хаттӣ: достонҳо, корномаҳо, андарзномаҳо, қитъаҳо ва ғайра инъикос ёфтаанд, ба таври зарурӣ таҳлилу таҳқиқи худро наёфтаанд. Бинобар ин, мавриди таҳлилу муқоиса қарор додани мавзуҳои ахлоқии ёдгориҳои хаттии аҳди Сосониён, ки тарғиби некӣ, адолат, ростӣ, покизагӣ, таҳаммулгароӣ ва ғайраро ташкил медиҳанд аз рӯзмарра будани масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Сеюм, вобаста ба вазъи пуртаззоди ҷаҳонишавӣ, бархурди тамаддунҳо, рушди бемайлони технологияву воситаҳои қабул ва интиқоли иттилоъ ва омезиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеаи муосир, хусусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон падидаи бегонашавии фарҳангҳо (муоширату тарзи интихоб ва ба бар кардани либосҳои ғайримиллӣ, муносибатҳои оилавӣ ва ғайра), коста гардидани ахлоқ, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ки ба амнияту суботи ҷомеа, устувории ваҳдати миллӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ монеа эҷод мекунанд, мушоҳида мешаванд, заруратро ҷиҳати рӯй овардан ба омӯзиш ва эҳёи арзишҳои ахлоқии давлатдории Сосониён бештар

мекунад. Таҳқиқи ин ҷанбаи мавзуи мазкур аз мубрам будани пажӯҳиши он дарак медиҳад.

Таҳлил ва баррасии қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки диссертант барои таҳияи кори таҳқиқотӣ аз сарчашмаҳои асл, асарҳои илмӣ - тадкиқотии муҳаккиқони ватанию хориҷӣ ба таври зарурӣ ва самаранок истифода бурдааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии диссертатсия, саҳми довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот ва ғайра дуруст ва дар доираи муқаррарот таҳия ва пешниҳод шудаанд. Автореферат ва маводи интишоркардаи диссертант мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ ифода мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои боэътимод ва натиҷаҳои арзишманд дар баъзе саҳифаҳои матни автореферат такрори як андеша ва хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасанд ва хусусияти тавсиявӣ дорад.

Ниҳоят, эроди зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа, сазовор аст.

Номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Раҳматов У.Н

Имзои номзади илмҳои фалсафа,
дотсент Раҳматов У.Н - ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқи ва кадрҳои Донишгоҳи
аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

02. 09. 2024